**№13-ф аз 07.12.12**

# Ф А Р М О И Ш

Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал
"Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози ягона"

Мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 305 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Дастурамал "Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози ягона" бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Дастурамали мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.
4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.
5. Фармони Вазири даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.01.2003, №12 "Дар бораи тасдиқ ва мавриди амал қарор додани Дастурамал "Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохти андози ягона барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)", ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.01.2003, №84 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст ва Фармоиши Вазири даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2006, №178-ф "Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал "Дар бораи тартиби ҳисоб кардан ва пардохт намудани андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ", ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.07.2006, №219 бақайд гирифта шудааст, аз эътибор соқит донista шаванд.
6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Юсупов П.С. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**

**Омода намуд:**

Сардори Раёсати
хизматрасонӣ ба андозсупорандагон Абдуллоев С.Х.

**Шинос карда шуд:**

| | |
|---|---|
| Муовини аввали Раис | Солиев А.М. |
| Муовини Раис | Юсупов П.С. |
| Муовини Раис | Сафарова Л.Ҳ. |
| Муовини Раис | Ҷабборов Р.Т. |
| Сардори Раёсати молиявю-хоҷагидорӣ | Ҷурав Ё.А. |
| Сардори Раёсати такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии андоз | Сидиқов З.Ш. |
| Сардори Раёсати ташкили андозбандӣ | Мухамедҷонов Б.С. |
| Сардори Раёсати санҷиши андозҳо | Партоев К.Г. |
| Сардори Раёсати аудити дохилӣ | Нуров Ҷ.М. |
| Сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо | Меликов К.Н. |
| Сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ | Меликов М.Н. |